**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2024. – 345 с.**

Дар таърихи асримиёнагии халқи тоҷик замони асрҳои VIII-X яке аз давраҳои муҳим ба шумор меравад. Ҳарчанд доир ба ин давраи таърихӣ аз ҷониби муҳаққиқон асар ва мақолаҳои зиёди илмӣ навишта шуда бошанд ҳам, ба бисёр паҳлӯҳои таърихии он равшании пурра андохта нашудааст. Махсусан мавзуи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X яке аз масъалаҳоест, ки он дар таърихнигории миллӣ ба таври комил ҳалли худро наёфтааст. Аз ин хотир мавриди таҳқиқ қарор гирифтани ин мавзуи муҳим дар таҳкими давлатдории халқи тоҷик ниҳоят мубрам буда, аҳаммияти калони илмиро дорост.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи доктории Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба мавзуи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар замони мавриди омӯзиш таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд ва ин кӯшиши аввалин аз ҷониби унвонҷӯ барои ҳалли ин масъала ба шумор меравад.

Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзишро таҳлил намуда, рисолаю мақола ва таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷиро, ки ба ин мавзуъ бахшида шудаанд, ба таври шартӣ ба ҳафт гурӯҳ ҷудо намудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ ба хулосаи дуруст омадааст, ки то ҳанӯз ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва методологии таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар

асрҳои VIII-X дар илми таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ дар сатҳи зарурӣ ва бо дарназардошти талаботи муосири ҷомеа таҳқиқ нагардидааст ва доир ба ҷанбаҳои гуногуни гаравидани мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом ва саҳми онҳо дар рушди арзишҳои исломӣ ва ташаккули тамаддуни исломӣ дар байни олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Диссертант дар пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот маъхазҳои дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қароргирифтаро аз рӯйи мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида, ба панҷ гурӯҳ ҷудо намуда, дар бораи онҳо маълумоти мухтасар овардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ кӯшиш гардидааст, заминаҳо, роҳҳо ва вижагиҳои гуногуни забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X равшан гардад. Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар асоси таҳлили сарчашмаву осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ бори нахуст мавзуи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X-ро ба таври ҳамаҷониба ва васеъ ба риштаи таҳқиқ кашида, заминаҳо ва омилҳои асосии ба ойини нав гаравидани мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳрро таҳқиқ ва муайян намудааст. Ӯ дар асоси маълумоти манбаҳои таърихӣ муборизаҳои оштинопазири мардумони Хуросону Мовароуннаҳрро бар зидди арабҳо ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор дода, хусусият ва марҳилаҳои асосии муборизаҳои мардумии минтақа, моҳияти муборизаҳои озодихоҳӣ, мақсади онҳо барои ҳифзи дину ойинҳои пешазисломиро равшан сохта, нақши мазҳаби ҳанафияро дар истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр муайян намуда, маълумоти васеи сарчашмаҳои хаттӣ-таърихии асрҳои IX-XII-и арабию форсиро бори аввал ба гардиши илмӣ ворид намуд.

Дар рафти таҳқиқот аз усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих истифодашаванда – таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, хулосабарорӣ ва назари интиқодӣ истифода гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии таърихнигории ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, тақозо менамоянд. **Хулосаву тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмию амалии** таҳқиқоти мазкур дар он ифода мeёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо раванди забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, паёмадҳои забткориҳои араб ва саҳми ҳамаҷонибаи мардуми минтақа дар густариши дини нав муайян гардидааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани таърихи асримиёнагии халқи тоҷик, инчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва ояндаи миллат кумаки амалӣ хоҳад расонд. Таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба масъалаи забткориҳои арабҳо дар минтақаи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 3 монография, 29 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич аз муқаддима, чор боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

**Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои** мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки дар асоси таҳлилу омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони муосир доир ба забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр равшанӣ меандозанд.

Боби якуми диссертатсия “Сарчашмаҳо ва таърихнигории мавзуи таҳқиқшаванда” номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал манбаъҳои хаттии таърихӣ ва ҷуғрофӣ-таърихии муаллифони

асрҳои IX-XIII, ки ҳангоми баррасии мавзуи мавриди таҳқиқ истифода шудаанд, аз нуқтаи назари интиқодӣ таҳлил гардида, аҳаммият ва мавқеи онҳо дар ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда муайян карда шудааст.

Зербоби дуввуми боби аввал “Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда” унвон дошта, он ба таҳлил ва таҳқиқи осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқ алоқаманданд, бахшида шудааст. Диссертант ҳангоми таҳлили ин мавзуъ асарҳои таҳқиқотиро аз рӯйи мавқеи ҷуғрофии муаллифон ба шаш гурӯҳ ҷудо карда, дар бораи онҳо маълумот додааст ва қайд намудааст, ки бо вуҷуди омӯзиши он аз ҷониби донишмандони ҷаҳон ин мавзуъ ҳанӯз печидагиҳое дорад, ки ниёзманди як таҳқиқи ҷудогонаи маъхазшиносиву таърихнигорӣ мебошад.

Боби дуюми рисола “Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ” аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали он масъалаи ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант таъкид менамояд, ки дар арафаи ҳамлаи арабҳо Хуросону Мовароуннаҳр дар таркиби давлати ягона набуда, мардумони он низ сарнавишти гуногун дошта, пароканда буданд ва ин дар арафаи забткориҳои арабҳо сабаби асосии музаффариятҳои онҳо дар ин минтақа гардид.

Зербоби дувуми ин боб ба масъалаи вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳамлаи арабҳо бахшида шудааст. Диссертант таъкид менамояд, ки иллати асосии шикасти давлати Сосониён дар низоми шадиди табақотии Эрон буд, ки боиси беадолатиҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа гашта буд. Дар солҳои 20-30-юми садаи VII буҳрони шадиди иҷтимоиву иқтисодии дохилӣ ва ошӯбҳои халқӣ алайҳи Сосониён ривоҷи бештар ёфта буданд. Буҳроне, ки давлати Сосониёнро ба сукут ва заифӣ оварда буд, ба ҳуҷумҳои пайдарпайи

арабҳо ва пирӯзии онҳо ба Сосониён мусоидат намуд. Ҷангҳои солҳои 30-40 на танҳо ба барҳамхӯрии сулола, балки ба ворид шудани ойини нав ва ба ислом гаравидани эрониён оварда расонд.

Зербоби сеюми боби дуюм «Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо» ном дошта, дар он қайд гардидааст, ки дар арафаи ҳамлаи арабҳо дар Эрон ва Хуросону Мовароуннаҳр динҳои гуногун арзи вуҷуд доштанд ва таъқибу саркӯбии пайравони баъзе ойинҳо яке аз сабабҳои фурӯпошии иттиҳоду ҳамбастагии ин ҷомеа гардид, ки он ба тасарруфи ин сарзаминҳо аз ҷониби арабҳо мусоидат намуд.

Боби сеюми рисола «Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали он раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант бар мабнои таҳлили ахбори маъхазҳои асримиёнагӣ ба чунин хулосаи дуруст омадааст, ки омилҳои асосии пирӯзии арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр аз набудани давлати ягонаву муқтадир дар ин сарзамин, вуҷуд надоштани иттиҳоди сиёсӣ байни мулкҳои парешон, мавҷудияти эътиқод ба дину оинҳои гуногун дар вилоятҳо, ки дар байни сардорони вилоят ва лашкариён монеа ба вуҷуд меовард, хиёнати ҳампаймонони турк ва чинӣ, ки мулкҳои Мовароуннаҳрро ба ҳоли худ гузошта буданд ва ба тафриқаандозии Қутайба ва сарлашкаронидигари араб дода шудани ҳокимони маҳаллӣ иборат буд.

Зербоби дуюми боби сеюм ба муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб бахшида шудааст. Диссертант ҳангоми баррасии ин масъала ба раванд ва марҳилаҳаи асосии муқовимати аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, сабабҳои сар задани ҷунбишҳои мардумии зиддиарабиро равшан сохтааст. Ғуломов Т.

М. таъкид намудааст, ки саҳифаҳои зиёди мавзуи мазкур, ки ба муқовимату ҷоннисориҳои мардуми ин сарзамин бахшида шудаанд, аз назари муҳаққиқон пинҳон мондааст. Яке аз иллатҳои якҷониба инъикос гардидани ин мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ доир ба ин мавзуъ маълумоти кофӣ вуҷуд надорад.

Боби чоруми рисола "Пайомадҳои забткориҳои араб ва паҳншавии дини нав дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ" ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Зербоби аввали он ба масъалаи инъикоси раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннахр дар сарчашмаҳои таърихӣ бахшида шудааст. Ғуломов Т. М. пас аз таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ ва осори илмии муҳаққиқони соҳа ба чунин хулоса омадааст, ки раванди исломигардонӣ ва исломпазирӣ дар байни аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр аз паймадҳои асосӣ ва масъалаҳои хеле муҳимми таърихнигорӣ ба шумор рафта, ба кор бурдани низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии ғайрифаъол дар давлати Сосониён яке аз сабабҳои асосӣ ва воқеии исломпазирии оммаи мардум гардидааст. Ӯ ҳангоми омӯзиши ин мавзуъ чор гурӯҳи гаравидагон ба ин ойинро қайд намуда, чунин натиҷагирӣ менамояд, ки мавзуи исломпазирии тоҷикон ва халқҳои дигари минтақа яке аз баҳсҳои печида ва ҳалношуда боқӣ монда, он бояд аз ҷониби муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар зербоби дуюми боби чоруми рисола саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши илм ва фарҳанги замони мавриди таҳқиқ номгузорӣ шудааст. Диссертант дар ин ҷо нақши муаррихон ва фақеҳони асримиёнагӣ ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷиро дар омӯзиши ин мавзуъ муайян намуда, чунин хулоса баровардааст, ки тоҷикон фарҳанги ин замонро аз маҳдудаи қавмӣ-арабӣ берун кашида, ба он хусусияти фаромиллӣ доданд.

Зербоби сеюми боби чорум "Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннахр» ном дошта, дар он

саҳми боризи фарзанди фарзонаи тоҷик Нуъмон ибни Собит – Имом Абуҳанифа, ки дар асоси таълимоти ислом ва сарчашмаҳои асосии он маҷмуи афкори томи мазҳабиро барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва эҳёи суннатҳои ниёгон мураттаб намуда, як мазҳаби фароқавмиро ба вуҷуд оварда буд, муайян гардидааст. Абуҳанифа дар таълимоти худ ба ҷуз аз аҳкоми исломӣ, урфу одат ва арзишҳои дигари мардуми ғайриараб, аз ҷумла аҷдоди тоҷиконро дохил намуд ва минбаъд шогирдонаш ин таълимоти ӯро такмил доданд. Диссертант таъкид менамояд, ки дар натиҷаи саҳми арзандаи донишмандону олимони минтақа ҳамчун пайравони таълимоти ҳанафия илмҳои бунёдӣ ва ташаккули фарҳанги ин давра рушд ёфта, барои амалӣ намудани фазои ҳуқуқии одилона дар замони Сомониён аз ҷониби ҳанафиён ба таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сарҳадӣ мусоидат намуд, ки дар натиҷа ба зиддиятҳои ақидавӣ, муборизоти сиёсӣ, ҷангҳои қавмӣ ва маҳаллӣ хотима бахшида шуд.

**Бояд қайд кард, ки хулосаи рисолаи диссертатсионӣ** аз дараҷаи баланди натиҷабардории илмии унвонҷӯ дарак медиҳад. Дар 25 банди хулосаи диссертант, ки фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллифанд, фикрҳои ҷамъбастии ӯ натиҷагирӣ шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳои зерин ба чашм мерасанд:

1. Дар қисмати “Сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда» (I. §1) ҳангоми тавсифи маъхазҳо дар бораи нашри маъхазҳо, тарҷумаҳои он бо забонҳои дигар, дар кадом китобхонаҳо маҳфуз будани дастхатҳои онҳо маълумот оварда нашудааст.
2. Ҳангоми таҳқиқот нисбат ба масъалаҳои муҳимми сиёсиву иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бештар ба масъалаҳои диниву мазҳабӣ афзалият дода шудааст.

3. Баъзе номҳои ашхос дар диссертатсия ба шаклҳои гуногун оварда шудаанд. Масалан, дар саҳ. 23, 25, 133, 171 ва ғайра Балозурӣ, дар саҳ. 159, 160, 316 Балозӯрӣ, дар саҳ. 12, 77, 112, 160 ва ғайра Саид, дар саҳ. 10, 161, 168, 169 ва ғайра Саъид, дар саҳ. 21, 25, 41, 134 ва ғайра Макдисӣ, дар саҳ. 21, 22, 41 Муқаддасӣ ва ғайра. Бояд ҳамаи номҳои ашхос дар шакли якхела навишта шаванд.
4. Асарҳои муаллифони ватанӣ доир ба масъалаи мавриди таҳқиқ бо асарҳои муаллифони хориҷӣ мавриди муқоиса қарор нагирифтааст ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо муайян карда нашудааст.
5. Дар саҳифаи 319 тарҷумаи китоби Балозурӣ "Завоевание Хорасана" ба забони русӣ дар қатори адабиёти таҳқиқотӣ оварда шудааст, ки мебоист дар қатори сарчашмаҳои таърихӣ ҷой дода мешуд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд ва рисолаи мазкур таҳқиқоти илмии арзишманд ва мустақилона баанҷомрасида буда, ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида аст, мувофиқ мебошад.

Мазмуни автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба таври комил навоварӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра баанҷомрасида ҳисоб ёфта, муаллиф тавонистааст ҳадаф ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро комилан ба анҷом расонад.

Сохтори диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд ва Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Сарходими илмии шуъбаи таърихи
қадим, асрҳои миёна ва нави
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А. Дониши
АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор **Саидов А.**
6 марти соли 2024

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Фирдавсӣ бинои 19/3, ҳуҷраи 14
Тел: 919 134184, E-mail: saidov.45@mail.ru

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор
А. Саидовро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо **Файзуллоева Г.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 9,
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ
7 марти соли 2024